**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Абдулаҳадзода Собирҷон Абдулаҳад дар мавзуи «Раванди интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба номи мавзуъ ва ихтисосе, ки тибқи он таҳқиқот анҷом дода шудааст.**

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Абдулаҳадзода Собирҷон Абдулаҳад ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқи конститутсионӣ – раванди интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ бахшида шуда, фарогирандаи ҷанбаҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва қонунгузории интихоботӣ мебошад. Мавзуи интихобкардаи довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аввалин таҳқиқоти илмие мебошад, ки дар робита бо дигар намуди фаъолияти ҳуқуқӣ мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтааст.

Аз таҳлили таҳқиқоти мазкур бар меояд, ки муаллиф тавонистааст дар сатҳи баланди илмӣ мавзуи баррасишавандаро мутобиқ ба талаби замон, дар доираи сунату арзишҳои фарҳангӣ ва қолабҳои демократии ташкили ҳокимият ба анҷом расонад. Ин, нахуст маводи илмӣ, амалӣ ва тавсиявие мебошад, ки натиҷаҳои онро барои рушд ва такмили қонунгузории соҳа ва низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмуъ хеле судманд метавон ҳисобид. Таҳқиқоти мазкур имкон додааст, ки як қатор муқаррарот, таклифу тавсияҳои нав ҷиҳати мукаммалгардонии минбаъдаи қонунгузорӣ дар самти ташкилу гузаронидани интихобот тавсия шаванд.

Бо дарназардошти ин, омӯзиш ва баррасии илмии танзими ҳуқуқии раванди интихоботӣ вазифаи муҳими илмӣ, аз ҷумла илми ҳуқуқи конститутсионӣ дар Тоҷикистони муосир ба ҳисоб меравад. Дар робита ба ин, таҳлилҳо нишон медиҳад, ки то имрӯз дар доираҳои илмии тоҷик таҳқиқоти илмии ҳуқуқӣ анҷом дода нашудааст.

Ҳамзамон, бо тафсил қайд намудааст, ки мубрамияти амалии мавзуъ ва натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар раванди фаъолияти мақомоти давлатии соҳавӣ, фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, дарки воқеии падидаи интихобот ва раванди интихобот, ҳамчунин такмили қонунгузории интихоботии кишвар истифода бурд.

Диссертатсияи Собирҷон Абдулаҳад дар мавзуи «Раванди интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба ихтисоси 12.00.02. - Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, мувофиқ мебошад.

**Теъдод ва мувофиқати интишороти натиҷаҳои асосӣ ба талаботи мавҷуда.**

Аз рӯйи мазмуну муҳтавои диссертатсия аз ҷониби муаллиф 10 мақолаҳои илмӣ нашр карда шудаанд, ки 6 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

Аз талошу кӯшишҳои шабонарӯзии диссертант маълум буд, ки метавонад дар навиштани рисолаи номзадии худ муваффақ гардад. Зеро, дар доираи маҳфилҳои илмӣ, конференсияву ҳамоишҳои илмӣ бо мақола андешаҳои ҷолиби худро равшан баён мекард. Аксарияти мавзуҳое, ки мавриди пажӯҳишу омӯзиш қарор медод, хосси падидаҳои демократияи намояндагию бевосита ва ба заминаҳои бунёдии ташкили мансабҳои

интихобӣ, мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии шаҳрак ва деҳот алоқаманд буд.

Диссертант тули фаъолияти унвонҷӯӣ дар робита ба мавзуи таҳқиқотии худ ба наваиштани мақолаҳои илмӣ тавонист комёб гардад. Мо шоҳиди баромадҳои ӯ бо мақола дар конференсияҳои сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ гардидем, аз ҷумла:

-Конференсияи ҷумҳуриявӣ зери унвони «Конституция – как фактор стабильности государства» дар мавзуи мурофиаи интихоботӣ ҳамчун шакли фаъолияти ҳуқуқӣ: мафҳум ва хусусиятҳои он;

-Конференсияи байналмилалӣ зери унвони «XIII Ломоносовские чтения», посвященной 115-летию академика Бободжона Гафурова дар мавзуи мурофиаи интихоботӣ ҳамчун намуди мурофиаи ҳуқуқӣ;

- Конференсияи ҷумҳуриявӣ зери унвони «Масоили мубрами такмили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир» Масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии мурофиаи интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Онҳо сатҳи кофии навгонии илмӣ дошта, аз саҳми муаллиф дар масъалаҳои асосии раванди интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон далолат менамояд. Бар замми ин, дар бобҳо ва зербобҳои диссертатсия ақидаҳо ва хулосаҳои муаллиф пешниход карда мешаванд.

Ҳамзамон, як қатор мақолаҳои дигари довталаби дараҷаи илмӣ дар журналҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, ки пурра ва ҳаматарафа мазмуну муҳтавои диссертатсияро фаро мегирад.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддимаи таҳқиқоти диссертатсионӣ мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, мақсад ва вазифаҳо равшан гардидаанд.

Мо дар навиштани рисолаи номзадӣ аз ҷониби Собирҷон Абдулаҳадзода шоҳиди он гардидем, ки мақсаду вазифаҳои дар пеш гузоштаи худро сари вақт иҷро намуда, ба навиштани комили диссертатсия ноил гардид.

Диссертатсияро дар заминаи методҳои умумиилмӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, методҳои низомноки таҳлили воқеият мавриди таҳқиқ қарор додааст. Усулҳои зикршуда имконият фароҳам овард, ки мавзуи таҳқиқшаванда ба таври пурра ва воқеӣ омӯхта шуда, вазифаҳои дарпешгузошта ҳалли худро пайдо намоянд.

Инчунин, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ буда, аз феҳристи ихтисорот, муқаддима, ду боб, ҳафт зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда ва маъхазҳо таркиб ёфтааст, ки ин саҳми довталаби дараҷаи илмиро нишон медиҳад.

Диссертант боби якуми диссертатсияро «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии раванди интихоботӣ дар ҶТ» номгузорӣ карда, ҳамаи масъалаҳои хусусияти назариявӣ-ҳуқуқидоштаи раванди интихобтӣ дар ҶТ, ба монанди мафҳум ва масъалаҳои назариявии раванди интихоботӣ, усулҳо ва марҳилаҳои раванди интихоботиро фаро мегирад.

Дар робита ба зербоби якуми боби аввал диққати худро унвонҷӯ ба мафҳумҳои интихобот, раванди интихобот ва маъракаи интихоботӣ додааст. Ҳамзамон, мафҳумҳои раванди интихоботӣ, маъракаи интихоботӣ ва дигар тартибу ҷараёнҳои ба тайёрӣ ва гузаронидани интихобот алоқамандандро тобиши ҳуқуқӣ дода, ҳамчун шакли фаъолияти ҳуқуқӣ дар таносуб бо низоми ҳуқуқии кишвар мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Дар зербоби дуюми боби якум бошад табиати ҳуқуқии усулҳои раванди интихоботиро мавриди баррасӣ қарор дода, махсус қайд намудааст, ки дар илми ҳуқуқшиносӣ усулҳои ҳуқуқи интихоботиро аз усулҳои раванди интихоботӣ ҷудо намуд. Зеро, бе мавҷудияти усулҳои раванди интихоботӣ ташкилу баргузории интихобот ва натиҷаҳои он ғайриимкон мегардад. Дар

баробари ин, як қатор усулҳое, ки хоси ҳам ҳуқуқи интихоботӣ ва ҳам раванди интихоботӣ мебошад, лаҳлилу баррасӣ гардида, онҳоро бо тафсил дар диссертатсия нишон додаанд.

Зербоби сеюми боби мазкур ба масъалаи марҳилаҳои раванди интихоботӣ бахшида шудааст, ки мувофиқи он марҳилаҳои раванди интихоботӣ дар таъмини рушди амалҳои интихоботӣ зоҳир мегардад, ки бе он ба даст овардани натиҷаҳои интихобот-ташкили мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ ғайриимкон аст. Оиди марҳилаҳои раванди интихоботӣ андешаҳои ҷолибу диққатҷалбкунандаи олимони ватанию хориҷиро нишон дода, хулосаҳои ба маврид пешниҳод намудааст.

Боби дуюми таҳқиқоти диссертатсиониро вижагиҳои хоси вазъи ҳуқуқии субъектони раванди интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад. Боби мазкур фарогири вазъи ҳуқуқии тамоми иштирокчиёни раванди интихоботӣ мебошад, ки онҳоро метавонем дар поён ишора намоем.

Мавзуи асосии зербоби якуми боби дуюмро мафҳум ва таснифи субъектони раванди интихоботӣ ташкил медиҳад. Ба андешаи муаллиф табиати субъектҳои раванди интихоботӣ гуногун аст, зеро ба як шакли муайян даровардани онҳо ғайриимкон аст. Дар ин самт якҷо бо мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, шахсони мансабдор, инчунин ба таври махсус субъектҳо-ташкилкунандагон, пеш аз ҳама, комиссияҳои мухталифи интихоботӣ, ки тайёрӣ ва гузаронидани интихоботро ташкил менамоянд, ба сифати субъекти раванди интихоботӣ баромад менамоянд.

Дар робита ба зербоби дуюми боби дуюм муаллиф субъектони инфиродии раванди интихоботиро таҳлил намуда, шаҳрвандонро субъекти асосии раванди интихоботӣ эътироф карда, махсус қайд намудааст, ки он мазмуни меъёрии Конститутсияи ҶТ бар меояд, ки мувофиқи он шаҳрвандон дар интихобот ҳуқуқи интихоб кардан ва интихоб шуданро ба мақомоти интихоботии дахлдор доранд.

Дар зербоби сеюми боби дуюми диссертатсия нақши комиссияҳои интихоботиро муҳим арзёбӣ карда, низоми онҳоро ҳамчун мақоми ташкилкунандаи тайёрӣ ва гузаронидани интихобот муаррифӣ намудааст ва дар миёни низоми комиссияҳои интихоботӣ мавқеи Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсиро аввалиндарача қайд намудааст.

Зербоби чоруми боби дуюм на танҳо мавҷудияти ҳизбҳои сиёсӣ, балки васоити ахбори оммаро дар бар мегирад. Тавре қайд менамояд, дар шароити имрӯза дар аксарияти кишварҳо ҳизбҳои сиёсӣ унсури зарурии механизми амалинамоии ҳокимияти халқ баромад менамоянд, яъне ҳизбҳои сиёсӣ нақши муҳаррики пешбарандаи амалҳои механизми давлатӣ ва таъминоти амалинамоии онро иҷро менамоянд.

Воситаҳои ахбори омма бошад, ба татбиқи усули ошкорбаёнӣ дар давраҳои раванди интихоботӣ мусоидат намуда, воқеиятро дар ин раванд инъикос менамояд.

Дар асоси ҷамъбасти таҳқиқи илмӣ оид ба масъалаҳои раванди интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқӣ-коститутсионӣ муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, ба хулосаи ниҳоӣ омада, пешниҳодҳои судманд намудааст.

Мавзуи диссертатсия ва мундариҷаи он дуруст ва ба мақсади рисола мувофиқ мебошанд. Хулосаҳои илмию тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда қобили қабуланд. Адабиёти дар диссертатсия истифодашуда дуруст мебошанд. Диссертант аз натиҷаи таҳқиқот хулосаҳои назарӣ бароварда, барои амалӣ кардани онҳо маслиҳатҳои муфид манзур гардонидааст.

Андешаҳои боло, навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро тасдиқ намуда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳияи диссертатсия нишон медиҳад. Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади амалӣ ва назариявӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳаққиқ қобилияти фаъолияти мустақилонаи илмӣ-эҷодӣ, таҳлили

ҳаматарафа ва нуқтаҳои назари илмӣ, асоснок намудани ақида ва мавқеи хешро дорад.

Ҳамаи ин имкон додааст, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳаматарафа ва пурра анҷом дода шавад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори
кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии
факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон Гадоев Б.С.

Суроға: 734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, м. Буни Ҳисорак
Тел.: (+992) 917756320
Email: burhonidin@mail.ru

Имзои Гадоев Б.С.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.
«01» марти 2024 с.